Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

26 марти соли 2025
Чоршанбе
№ 25 (15140)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ТАҶАССУМИ ЯГОНАГӢ ВА ҲАМБАСТАГӢ

**25 март дар тамоми минтақаҳои мамлакат маросими ифтор ташкил карда шуд. Президент Шавкат Мирзиёев дар ифторе, ки дар Тошканд баргузор гардид, иштирок намуд.**





Дар аввали чорабинӣ роҳбари давлат бори дигар халқи Ўзбекистон ва тамоми уммати исломро бо моҳи ҷории муқаддаси Рамазон табрик намуд.

— Дар ин моҳи шариф мо якҷоя бо халқамон дар ин сарзамини пурнеъмат аз баргузор намудани маросими ифтор хушбахт ҳастем, ки барои ин аз марҳамати Офаридгор беҳад миннатдорем, — гуфт Президент.

Ғояи «Барои қадри инсон, барои бахти инсон» дар сиёсати давлатӣ маҳаки асосӣ мегардад. Озодии виҷдон ва ҳуқуқи шаҳрвандон боварибахш ҳимоя мегардад, ки он хусусан дар моҳи муқаддаси Рамазон равшан зоҳир мегардад. Чунин хислатҳои нек мисли мусолиҳа, шафқат, таҳаммул, ахлоқи хуш, азм ба дониш ҳарчи бештар дар ҷамъиятамон таҳким меёбад.

Эътибори алоҳида ба амиқ омухтани моҳияти инсонпарварии ислом, нигоҳдорӣ ва оммавӣ сохтани мероси ғании ниёгони бузургамон дода мешавад. Аз он ҷумла дар Тошканд сохтмони Маркази тамаддуни исломӣ — лоиҳаи пурвусъати илмиву маърифатӣ, ки инъикосгари дастовардҳои ҷаҳони ислом дар соҳаи илм, таълим ва маданият мебошад, идома дорад. Ин марказ ҷавононро ба кушоишҳои нав илҳом мебахшад.

Инчунин дар Самарқанд сохтмони маҷмўаи Имом Бухорӣ — ҳадисшиноси бузург идома дорад. Дар қатори музей ва муассисаҳои илмӣ дар ин ҷо масҷид барои 10 ҳазор эътиқодманд бунёд мегардад. Ба нақша гирифта шудааст, ки ҳар ду объекти муҳташам аллакай дар соли ҷорӣ кушода мешаванд.

Бинобар қарори Президент аз 14 марти соли ҷорӣ 1155-солагии Имом Мотурудӣ васеъ ҷашн мегардад. Мақбараи вай дар Самарқанд обод гардида, мероси илмӣ ва таълимии мотуридӣ якҷоя бо олимони хориҷӣ омухта мешаванд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ИФТОР ДАР ҚАРОРГОҲИ «КЎКСАРОЙ»

Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим.

Ҳамватанони муҳтарам!

Меҳмонони азиз!

Бори дигар шумо, тамоми халқамон, ҳамаи уммати исломи мамлакатҳои хориҷии дуру наздикро бо моҳи муқаддаси ҷории Рамазон табрик менамоям.Барои ҳамаатон сулҳу субот, тансиҳатӣ ва фараҳмандӣ орзу дорам.

Дар чунин як моҳи шариф мо якҷоя бо халқамон аз баргузор намудани маросими ифтор хушбахт ҳастем, ки барои ин аз марҳамати Офаридгор беҳад миннатдорем.

Аз фурсат истифода намуда, ба меҳмононе, ки дар байнамон ҳозир мебошанд — сафирони давлатҳои хориҷӣ, вакилони ташкилотҳои байналхалқӣ, пешвоёни динҳо барои эҳтиром ва эътиборашон ба мамлакат ва халқи мо миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Дўстони азиз!

Тавре ки маълум аст, дар солҳои охир мо барои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва диниамон, рушди онҳо дар асоси талаботи имрўз корҳои бисёрро анҷом медиҳем.

Ғояи неки **«Барои қадри инсон, барои бахти инсон»** дар фаъолиятамон дар ин самт маҳаки асосӣ мегардад. Дар асоси он таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳар як ҳамватан, сарфи назар аз миллат, забон ва дин, дар ҳаёти ҷамъият ба мадди аввал мебарояд. Ҳамин тариқ, таъмини пурраи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон дар ҷиҳати озодии виҷдон дар моҳи ҷории Рамазон равшан зоҳир мегардад.

Дар ҷамъият арзишҳои нек ва сифатҳои инсонӣ, ки бароямон дини муқаддасамон муқаррар намудааст, мисли дўстӣ ва мусолиҳа, некӣ ва дастгирӣ, таҳаммул ва тоқат, хушахлоқӣ ва интизом, азм ба илм ва маърифат рўз то рўз мустаҳкам мегардад.

Ба омўзиши амиқи моҳияти инсонпарварии дини ислом, тадқиқ ва васеъ оммавӣ намудани таърих ва маданияти бузургамон, мероси ғании мутафаккирони бузург эътибори алоҳида нигаронда мешавад.

Бо ин мақсад дар Тошканд Маркази тамаддуни исломӣ бунёд мегардад, ки он дар мамлакат ва дар хориҷ чун лоиҳаи боҳашамати илмиву маънавӣ, ки бори аввал дар Ўзбекистон татбиқ мегардад, мавриди таваҷҷуҳи бисёриҳо қарор мегирад.

Экспонатҳои дар ин ҷо маҳфуз собит менамояд, ки тамаддуни исломӣ дар мамлакатамон маҳз дар асоси илм, таълим ва тарбия, маданият ва маърифат дар тўли садсолаҳо рушд намудааст.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки он на танҳо хазинаи қадимро ҳифз менамояд, балки халқамон, ҷавононамонро барои кушоишҳои бузурги оянда илҳом мебахшад.

Тавре ки шумо медонед, дар Самарқанд сохтмони маҷмўи азими ҳамватани бузургамон, султони илми ҳадис Имом Бухорӣ бо суръати баланд идома дорад.

Дар ин ҷо, дар шафати музей бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти мутафаккири бузург, муассисаҳои илмӣ, масҷиде бо гунҷоиши то 10 ҳазор нафар бунёд мегардад.

Имсол мо якҷоя ин ду иншооти бузург — Маркази тамаддуни исломӣ ва маҷмўаи Имом Бухориро бо тантана мекушоем.

Бо мақсади боз ҳам амиқтар омўхтани саҳми беназири халқамон ба дин ва фалсафаи ислом ба қарибӣ боз як қарори муҳим қабул гардида буд. Имсол мо 1155-солагии Имом Мотуридӣ — ниёи бузург, мутафаккир, вакили бузурги илми каломамонро васеъ ҷашн мегирем.

Аз он ҷумла, оромгоҳи ў дар Самарқанд боз ҳам ободтар мегардад.

Аз ҳама муҳимаш, ин кор дар тадқиқи мероси Имом Мотурудӣ ва таълимоте ба номи вай дар ҳамкорӣ бо олимону уламои Ўзбекистон ва мамлакатҳои хориҷӣ қадами нави муҳим мегардад.

Дўстони муҳтарам!

Вазифаҳои мустаҳкам намудани сулҳ ва мусолиҳа дар ҷамъияти бисёрмиллати мо, дўстӣ ва ҳамбастагии сокинонамон — намояндагони миллат ва динҳои мухталиф дар мавриди эътибори ҳамешагии мо қарор мегирад.

Моҳи сентябри соли ҷорӣ дар Тошканд ва Самарқанд анҷумани бонуфузи байналхалқӣ зери унвони «Гуфтугўйи эъломияҳо» барпо мегардад. Он идомаи мантиқии анҷумане мегардад, ки дар Тошканд, Самарқанд ва Бухоро соли 2022 баргузор гаштааст ва барои мулоқоти маърифатии намояндагони дорои эътиқодҳои динҳои гуногун чун майдони ба худ хос хидмат менамояд.

Ин ҷо бори дигар таъкид кардан мехоҳам: **сулҳ ва суботе, ки дар мамлакат ҳукмронӣ менамояд — сарвати калони мо аст.** Мо қатъиян корро бобати эҳтиёткорона нигоҳ доштани ин сармояи беназир, мустаҳкам намудани фазои дўстӣ, баробарӣ ва таҳаммул дар мамлакат идома медиҳем.

Мо барои ин тамоми қувва ва имконотро сафарбар менамоем.

Масъалаи мазкур, хусусан дар шароити имрўзаи мураккаб, дар татбиқ намудани сиёсати озодӣ ва шаффофият барои тамоми ҷаҳон ҷойгоҳи фавқулодда муҳимро соҳиб аст.

Ҳамватанони муҳтарам!

Ўзбекистони Нав, ки барои худ принсипҳои нави бартаринокро интихоб кардааст, аз он ҷумла мақоми давлати иҷтимоӣ, ки дақиқан дар Конститутсиямон ҷой дода шудааст, сиёсати воқеан халқӣ ва инсонпарваронаро татбиқ менамояд.

Иҷозат бидиҳед, мисол биёрам. Танҳо соли гузашта ба одамони ниёзманд ба миқдори 16 триллион сўм кумаки моддӣ ва ёрдампулӣ пардохта шуд. 51 ҳазор нафар бачагон аз оилаҳои камтаъмин ба кўдакистонҳо ҷой карда шуданд, 176 ҳазор нафар аъзои оилаҳои камбизоат аз кумаки тиббӣ баҳраманд гардиданд, 182 ҳазор нафар бо хидматҳои иҷтимоӣ фаро гирифта шуданд.

Тавассути фонди «Меҳрубонӣ ва дастгирӣ» хароҷоти табобат, маводи ғизоӣ, либос ва пардохтҳои коммуналии тақрибан 94 ҳазор оилаи камбизоат ба маблағи 130 миллиард сўм ҷуброн карда шуд.

3,5 миллион зан дар доираи «Дафтари занон» ба маблағи 5 триллиону 700 миллиард сўм кумак дарёфт намуданд. Аз оғози татбиқи «Дафтари ҷавонон» ба 1 миллиону 300 ҳазор ҷавони ниёзманд кумаки иҷтимоӣ ба маблағи 1 триллиону 700 миллиард сўм расонида шуд.

Муҳимтар аз ҳама, ин кор пайваста идома дорад.

Ҳозирини гиромии чорабинӣ!

Яке аз афзалиятҳои дигари Ўзбекистони Нав — рушди «сабз» мебошад.

Дар айни замон дар кишвар як муҳити нави экологӣ барпо карда мешавад. Ҳадафи асосии лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» низ маҳз ҳамин аст.

Соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ ҳамчун Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз» эълон гардида, Барномаи давлатии махсус амалӣ мешавад.

Ба наздикӣ дар шаҳри Хива ҷаласаи Шўрои байнидинӣ, ки бори аввал дар ҳайати васеъ баргузор гардид, доир шуд. Дар ин чорабинӣ намояндагони конфессияҳои динӣ фаъолона ширкат варзида, барои иштироки фаъол дар ин Барномаи давлатӣ муроҷиатнома қабул карданд.

Албатта, мо аз саҳми фаъолонаи уламои гиромӣ, намояндагони насли калонсол ва ҷомеаи васеъ дар корҳои нек бо сипосгузорӣ ёдовар мешавем. Масалан, танҳо дар фасли баҳори соли ҷорӣ, дар доираи лоиҳаи «Макони сабз», намояндагони маърифат зиёда аз 10 ҳазор дарахт ва тақрибан 32 ҳазор гул шинонданд. Ҳамчунин, 25 гектар замин дар назди масҷид ва маконҳои ибодат обод карда шуд.

Хушбахтона, шахсоне, ки ҳаҷи муқаддасро анҷом додаанд, низ дар корҳои хайру саховат шахсан намунаи ибрат нишон медиҳанд.

Соли гузашта, таҳти роҳбарии муфтӣ Нуриддин Холиқназар онҳо бо ташаббуси **«Ҳамчун ватанпарварони Ўзбекистони Нав корро дар соҳаи маънавият пурзўр менамоем»** баромад карданд. Бо ташаббуси онҳо, то имрўз ба оилаҳои камбизоат, бепарастор ва ниёзманд кумаки моддӣ ба маблағи 6 миллиарду 300 миллион сўм расонида шудааст.

Аз самими дил барои чунин корҳои хайрхоҳона ба онҳо арзи сипос мекунем!

Ҳамватанони муҳтарам!

Имрўз ҳамаи мо шоҳиди вазъияти ноустувор ва ниҳоят мураккаби ҷаҳон ҳастем. Мо аз он сахт нигаронем, ки аксари ихтилофот ва низоъҳо, мутаассифона, дар ҷаҳони ислом рўй медиҳанд. Хатари густариши манбаъҳои таниш ва паҳншавии онҳо ба минтақаҳои бузург меафзояд.

Имрўз беш аз ҳарвақта таҳкими ваҳдат ва ҳамдилии уммати ислом барои таъмини сулҳу субот дар кишварҳои мусалмонӣ аҳамияти калон дорад.

Дар маркази таваҷҷуҳи мо бояд боз як масъалаи муҳим қарор гирад — он ба таҳдидҳое, ки дилу зеҳни ҷавонони моро заҳролуд мекунанд ва зиндагии онҳоро аз байн мебаранд, алоқаманд аст.

Дар тарғиби дониш ва маърифат дар миёни ҷавонон, инчунин ҳифзи онҳо аз таъсири ғояҳои бегона, нақши имом-хатибони гиромӣ, собиқадорони соҳибтаҷриба, фаъолони маҳалла ва ҳоҷиён бебаҳост.

Мо ба фаъолияти шумо дар ин самт баҳои баланд медиҳем.

Васияти ниёи бузурги мо, бахусус Баҳоваддин Нақшбанд: **«Дил ба ёру даст ба кор»**, имрўз маънои амиқи нав касб менамояд. Дар тарбияи ҷавонон омўзонидани меҳнат ва касб аҳамияти фавқулода бузург дорад.

Итминон дорам, ки пирони гиромӣ, фаъолони маҳалла, фермерони ҳунарманд ва соҳибкорони ботаҷриба ҷавононро ба меҳнати софдилона, ҷустуҷўи доимии некуаҳволии хонавода ва шукуфоии Ватан ҳидоят мекунанд.

Дўстони арҷманд!

Дар давоми моҳи шарифи Рамазон дар 9,5 ҳазор маҳаллаи кишвар барои хонаводаҳои камбизоат ифтор ороста шуда, корҳои хайрия анҷом ёфтанд.

Дар ин маросимҳо Ҳазрати муфтӣ ва имом-хатибон фаъолона иштирок намуда, оилаҳои ниёзмандро аёдат карданд.

Бовар дорам, ки чунин тадбирҳои хайру саховат, ки таҳти шиори **«Рамазон — моҳи кушодадилӣ, ваҳдат ва карам»** баргузор мешаванд, барои боло бурдани арзишҳои инсонӣ ва муттаҳидии ҳамватанони мо хидмат мекунанд.

Чунон ки ниёи бузурги мо Алишер Навоӣ фармудааст: **«Кори некон, некӣ кардан аст».**

Маҳз бо сабаби амалҳои нек ва хайрхоҳона зиндагӣ дар рўи замин идома ёфта, бо нур рўшан мегардад.

Дар ин моҳи муқаддаси Рамазон, дар арафаи Лайлатулқадр, ки ҳама орзуҳои нек амалӣ мешаванд, мо даст ба дуо мебардорем, ки дар кишварамон ва дар саросари ҷаҳон ҳамеша сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва меҳрубонӣ ҳукмфармо бошад!

Бигузор зиндагии мо пурсаодат ва осуда бошад!

Бигузор падару модарони дуогўямон сиҳату саломат бошанд!

Бигузор хоҳарону бародарони меҳрубон пуштибони мо бошанд!

Бигузор ҷавонони боилм, фаъол ва ташаббускори мо шуҳрати Ватанро дар ҷаҳон афзун кунанд!

Бигузор халқи наҷибу заҳматкаши мо хушбахт бошанд!

# ҲАФТ СОЛ МУҚАДДАМ ВА ИМРӮЗ

Дар остонаи Наврӯзи хуҷастапай, таърихи 13 март аз тариқи шабакаи телевизионии “Тоҷикистон” навори хеле сурурбахш – дар ҳузури президентҳои ду кишвари ҳамсоя Эмомалӣ Раҳмон ва Садир Жапаров ҷараёни имзои 16 санади нави ҳамкории байнидавлатии миёни Тоҷикистону Қирғизистон оид ба рушди муносибатҳои дуҷониба дар самтҳои мухталифи ҳаёт, инчунин маросими маҷозии бозкушоии ду гузаргоҳ дар сарҳади давлатии кишварҳо намоиш дода шуд. Имзои шартнома дар бораи сарҳади давлатӣ, Изҳороти муштарак доир ба таҳкими минбаъдаи дӯстӣ ва ҳамсоягии нек муҳимтарин ҳуҷҷатҳо ба шумор мераванд. Ба имзо расидани ин санадҳои сарнавиштсозро аксари давлатҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама минтақа, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, Сардабири кулли Созмони Милали Муттаҳид самимона истиқбол намуда, табрик карданд. Инак, акнун як манбаи хатари моҷарову мунокишаҳо, ки солҳои пеш боиси қурбониҳо гардида буданд, хомӯш гардид ва ду халқи ҳамсоя дасти ҳам гирифта, якдигарро ба оғӯш кашиданд. Дар замони кунунӣ, ки дар гӯшаҳои мухталифи олам вазъият муташанниҷ гардида, ҷангҳои хонумонсӯз идома доранд, дидани чунин рӯзҳои умедбахш вобаста бо ҳаёти мардумони минтақа, албатта хушоянд аст. Раҳкушоиҳо чӣ гуна кори савоб аст!

Ростӣ, ин лаҳза воқеаҳоеро, ки дар таърихи муносибатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ҳафт сол муқаддам, аниқтараш 9-10-уми марти соли 2018 рӯй дода буданд, аз нав пеши назар оварданд. Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Душанбе, музокираву мулоқотҳои сатҳи олии ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ба имзо расидани қариб 30 санад доир ба ҳамкориҳои дуҷониба, боз гардидани гузаргоҳҳо, лаҳзаҳои шодибахши дидорбинии мардум, рақсидани пиру барно аз эълони бекор шудани визаи равуо, ашки шодии хешу ақрабои ду тарафи сарҳад таҳти садои карнаю сурнай дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ...

Оре, ҳафт сол пеш дар остонаи Наврӯзи оламафрӯз дар муносибати ду кишвари ҳамсоя воқеаи фаромӯшнопазир рух дода буд, ки дар таърих бо ҳарфҳои заррин сабт ёфтанд. Натиҷаҳои пурфайзи ҳодисаҳои шодибахши баҳори соли 2018-ро имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои зиндагии тоҷикону ӯзбекон бараъло мебинем, эҳсос мекунем.

Оре, тавре дар урфият мегӯянд, “соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост”. Баҳор имсол дар Ӯзбекистон (дар минтақа низ) хеле фараҳбахш омад. Баъд аз барфи пурбаракот табиат эҳё шуда, дарахтони зардолуву бодому олуча баробар гулафшон шуданд. Алғараз Модар-Замин саховати худро аз мо дареғ надошт! Ба дилҳоямон ҳазорон орзуҳоро бедор кард. Сулҳу осоиш бошад, дар байни орзуҳои фарзанди одамизод афзалноктарин аст!

Бидуни ҳайрат наметавон тасаввур кард, ки тӯли беш аз ҳафт соли гузашта авзои минтақа ин қадар дилкашу зебо мешавад, истилоҳоти “Ӯзбекистону навҳамсоягӣ”, “Рӯҳи Осиёи Марказӣ” аз саҳифаҳои китобу санадҳои оид ба дипломатия, сиёсатшиносӣ мустаҳкам ҷой мегиранд, дар анҷуманҳои бузурги байналмилалӣ аз забони арбобони намоёни давлатӣ, сиёсатмадорони барҷаста такрор ва такрор садо медиҳанд.

Таърих гувоҳ аст, ки сиёсати хайрандешонаи зимомдорони давлат асоси замонату кафолати зиндагии осудаҳолона ва пурфайзи мардум будааст. Бубинед, ки сиёсати пайгиронаи “Ӯзбекистони Нав – ҳамсоягии нав” яхи қариб чорякасринаи муносибатҳои давлатиро об карда, роҳи равони рӯзгори халқҳоро боз намуд.




Тахминан як моҳ пеш дар Самарқанди бостонӣ зери шиори “То тавонӣ дӯстонро гум макун” як чорабинии хеле пуршукӯҳи рӯшанфикрони Ӯзбекистону Тоҷикистон баргузор гардида буд. Хушбахтона чунин анҷуману маҳфилҳо дар байни вилоятҳои ҳамсарҳади ду мамлакат зуд-зуд ба амал меоянд, ки ин ҳама ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ низ таъсири неки худро мерасонанд. Дар тӯли ҳафт соли охир мубодилаи маҳсулот дар байни Ӯзбекистону Тоҷикистон аз 197 миллион ба 757 миллион доллар афзуд ва интизор меравад, ки ин нишондиҳанда солҳои наздик ба як миллиард доллар расонда шавад.

Бино ба хулосаи коршиноси тоҷик Парвиз Муллоҷонов Ӯзбекистон ва Қирғизистон аз шарикони бузурги тиҷоратии Тоҷикистон мебошанд.

Ба маврид аст қайд кунем, ки сафари давлатии Шавкат Мирзиёев 5-6-уми сентябри соли 2017 ба Қирғизистон ба инкишофи минбаъдаи ҳамкории гуногунсоҳаи ду кишвар замина фароҳам овард. Дар ҳамин замина, мубодилаи маҳсулоти байни ду кишвар бино ба маълумоти охири соли 2023 ба 1 миллиард доллар расидааст. Сармоягузориҳо аз ду ҷониб ва вусъати кооператсия самари худро медиҳанд. Хусусан дар соҳаи нақлиёт, интиқоли бор, логистика натиҷаҳо назаррасанд. Сохтмони роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон беҳтарин лоиҳаи ҳамкориҳо ба ҳисоб меравад. Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 27 декабри соли гузашта дар маросими ботантана бахшида ба оғози сохтмони роҳи оҳани мазкур ба иштирокдрони он паёми шодбошӣ гуфта, аз ҷумла таъкид карда буд, ки “ба истифода додани ин шоҳроҳи роҳи оҳан ба чандин маротиба зиёд шудани ҳаҷми савдо ва сармоягузории минтақавӣ, хеле кам гардидани харҷи нақлиёт, мавриди истифода қарор гирифтани қудрати бузурги интиқолии Осиёи Марказӣ хидмат мекунад”.

Ҳоло дар байни сарҳадоти Ӯзбекистону Қирғизистон беш аз 20 гузаргоҳ амал мекунад. Робитаҳои ҳамкории гуманитарӣ низ пайваста вусъат меёбанд.

Мулоқоти машваратии роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи таҳким бахшидан ба равобити кишварҳои минтақа ва таъмин кардани истиқрору пойдории сулҳ воситаи муҳим гаштааст.

Дар остонаи Наврӯзи имсола роҳбари Ӯзбекистон бо сарварони давлатҳои минтақа суҳбатҳои телефонӣ анҷом дода, масъалаҳои вобаста ба вусъати ҳамкориҳо ва рафъи ҳар гуна монеаҳо мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Зимнан ӯ оид ба мулоқоти сеҷонибаи сарони давлатҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки 31-уми моҳи март дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор хоҳад шуд, таваққуф намуд.

Дар табрикоти наврӯзии худ Шавкат Мирзиёев ҳамаи инсонҳои нексиришти минтақаро аз номи мардуми гуногунмиллати Ӯзбекистон муборакбод карда, аз ҷумла гуфт: “Наврӯзи олам алҳол тамоми миллату халқиятҳо, аз ҷумла халқҳои Осиёи Марказиро боз ҳам қаринтар мекунад. Бигузор минтақаи мо, ки ба маънои аслӣ ба макони дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамкорӣ табдил меёбад, ҳамеша орому осуда, доим шукуфон бошад! Дар ин маврид мехоҳам ба зиёиёни муҳтарам, намояндагони илму фарҳанг, санъат ва адабиёти минтақаамон мурожиат карда, бигӯям:

Дӯстони азиз, агар шумо бо истеъдоду заковати беҳамтои худ асарҳое эҷод кунед, ки бародарии абадии мо, арзишу анъанаҳои муштарак ва ормонҳои наҷибамонро тараннум созанд ва дар тарбияи ҷавонон дар ин рӯҳия саҳм гузоранд, халқамон аз шумо, албатта миннатдор хоҳанд шуд.

Бешубҳа, чунин намунаҳои мукаммали эҷодӣ дар замони пурхатари имрӯза барои халқи мо, бахусус наслҳои наврасамон, чун сипари мустаҳками маънавӣ хидмат хоҳанд кард.

Охири ҳамин моҳ дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ баргузор гардидани вохӯрии сеҷонибаи сарони Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон, итминон дорам, ки дар таҳкими муносибатҳои некҳамсоягӣ боз як қадами амалӣ мегардад”.

Бояд қайд кард, ки дар охири моҳи март айнан дар Хуҷанд гузаронидани ин мулоқоти олимартаба маънои рамзӣ ҳам дорад. Зеро, Тирози ҷаҳон аз қадимулайём дар чорроҳаҳои таърих ҳамчун шаҳри тиҷорат, илм ва мулоқоти фарҳангии мардумони минтақа хидмат кардааст. Номи Хуҷандро дар Тоҷикистон ҳамчун “Шаҳри сулҳ” ҳам ба забон мебаранд. Зеро Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ин мамлакат 16 ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоб баргузор шуда, ба ҷанги дохилӣ хотима гузошта, Сарвари оқилу шуҷоъ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба сари давлат овард. Президенти Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев дар рӯзи дуюми сафари давлатӣ 10-11 июни соли 2021 айнан дар Қасри Арбоб бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва рӯшанфикрон мулоқот дошт. Дар ҳамин ҷо ғояи офаридани филми бадеӣ оид ба рӯзгори ду шоир ва мутафаккири бузург Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ пешниҳод гардид.

Аз мулоқоти навбатӣ, ин дафъа мулоқоти сеҷониба низ мардумони минтақа умеди зиёд доранд. Бовар дорем, ки Наврӯзи оламафрӯзи имсола боз бо як воқеаи таърихию сурурбахш дар ёди мо абадӣ боқӣ хоҳад монд. Зеро бо ҳамсоягон дар муҳити дӯстию рафоқат зистан лаззати дигар дорад!

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**узви иттифоқҳои журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон,**
**дорандаи ордени «Дӯстлик».**

# ТАҶАССУМИ ЯГОНАГӢ ВА ҲАМБАСТАГӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Бо мақсади мустаҳкам намудани мусолиҳаи байнимиллӣ ва байнидинӣ моҳи сентябр дар Тошканд ва Самарқанд Анҷумани байналхалқии «Гуфтугӯйи эъломияҳо» баргузор мегардад. Вай майдони нодире барои гуфтугӯйи байнидинӣ ва байнимаданӣ хоҳад гардид. Бинобар Конститутсия Ӯзбекистон давлати иҷтимоие мебошад, ки сиёсати инсонпарварона ва ба инсон мунҷаргардидаро пиёда месозад. Танҳо соли гузашта 16 триллион сӯм чун мадади иҷтимоӣ ва ёрдампулӣ ҷудо карда шудааст. Беш аз 51 ҳазор кӯдаки оилаҳои эҳтиёҷманд ба кудакистон ҷойгир карда шуда, 176 ҳазор нафар кумаки тиббӣ гирифтанд, 182 ҳазор нафар аз хидмати иҷтимоӣ баҳраманд гардиданд.

Аз тариқи фонди «Меҳрубонӣ ва дастгирӣ» 94 ҳазор хонаводаи эҳтиёҷманд ба миқдори 130 миллиард сӯм барои табобат, озуқаворӣ, пӯшок ва хидмати коммуналӣ кумак гирифтанд.

Аз тариқи «Дафтари занон» 3,5 миллион нафар занон ба миқдори 5,7 триллион сӯм кӯмак гирифтанд. Дар доираи «Дафтари ҷавонон» 1,3 миллион нафар ҷавонони эҳтиёҷманд аз мадади иҷтимоӣ ба миқдори 1,7 триллион сӯм баҳраманд гардиданд.

Ба ғайр аз ин, бо ташаббуси зиёратгаронамон ба миқдори 6,3 миллиард сӯм ба оилаҳои камтаъмин, бесарпараст ва эҳтиёҷманд кумак расонда шуд.

Ба вуҷуд овардани минтақаҳои сабз, ниҳолшинонӣ низ кори хайр аст. Лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» барои ин хидмат менамояд. Дар баҳори ҷорӣ намояндагони руҳониён беш аз 10 ҳазор бех дарахт ва қариб 32 ҳазор гул шинонда, атрофи масҷид ва зиёратгоҳҳоро обод намуданд.

Дар доираи Барномаи давлатии «Соли ҳимояи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз» ташаббусҳои экологӣ васеъ мегарданд. Ба қарибӣ дар Шӯрои байнидинӣ, ки дар Хева баргузор гардид, намояндагони динҳо дар бораи иштироки фаъолона дар татбиқи барнома муроҷиат қабул намуданд.

Дар ифтори ҷорӣ инчунин сафирони давлатҳои хориҷӣ, намояндагони ташкилотҳои байналхалқӣ ва конфессияҳои динӣ иштирок карданд, ки ин далели навбатии муҳити таҳаммул ва эҳтироми тарафайн дар мамлакатамон гардид.

Дар суханронии худ Президент инчунин оид ба вазъияти ҷаҳон таваққуф намуда, дар бобати он ки бисёр мунокиша ва бесуботӣ маҳз дар ҷаҳони ислом ба вуҷуд меояд, изҳори таассуф намуд. Ӯ таъкид кард, ки дар шароити афзудани хатарҳо ягонагӣ ва ҳамбастагии уммати ислом бештар аз ҳама вақт муҳим аст.

Эътибори алоҳида, бинобар суханони роҳбари давлат, ба ҳимояи ҷавонон аз ғояҳои бегона ва тарбияи онҳо дар рӯҳи дониш ва маърифат бояд дода шавад. Президент ҳикмати Баҳоудинни Нақшбанд: «Дил ба ёру даст ба кор»-ро хотиррасон намуда, таъкид кард, ки ҷавононро дар рӯҳи меҳнатдӯстӣ ва дархурди касбӣ тарбия намудан то чӣ андоза муҳим аст.

Дар ин рӯзҳо зери шиори «Рамазон моҳи саховат, ягонагӣ ва шафқат» қариб дар 9,5 ҳазор маҳаллаи мамлакат барои оилаҳои камтаъмин ифтор ташкил карда шуда, ба онҳо кӯмак расонда мешавад. Чунин корҳои хайр ба баланд бардоштани қадри инсон ва мустаҳкам намудани ҳамбастагӣ байни шаҳрвандон мусоидат менамоянд.

– Тавре ки ниёи бузургамон Алишери Навоӣ фармудааст: «Аз нек – боғ». Маҳз ба туфайли хайр ва корҳои нек ҳаёт дар замин идома меёбад ва пурнур мегардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Аз Қуръон сураҳо тиловат гардид ва ба даргоҳи Офаридгор ибодат карда шуд, то ки дар мамлакатамон, дар тамоми ҷаҳон ҳамеша сулҳ, шукуфоӣ ва некӣ ҳукмрон бошад.

Дар чорабиниҳои ифтор, ки дар тамоми минтақаҳои мамлакат баргузор гардиданд, куҳансолон, зиёиён, намояндагони дин ва конфессияҳои гуногун, ногироён ва шаҳрвандони камтаъмин, ҳамагӣ қариб 60 ҳазор нафар иштирок намуданд.

**ӮзА.**

Мусоҳибаи мо

# СИНДРОМИ ДАУН, ЯЪНЕ ЧӢ?

**Синдроми Даун аз ҷумлаи бемориҳои аномалии ирсӣ буда, ба исми табиби англис Ҷон Даун номгузорӣ шудааст. Вай бори аввал соли 1866 дар ин мавзуъ мақолаи илмие навишта, аҳли ҷаҳонро аз вуҷуди як бемории комилан нав огоҳ кард. Қаблан ин бемориро ба ҳар навъ шарҳ медоданд ва бештар ба гурӯҳи бемориҳои асаб мутааллиқ медонистанд. Илми тиб танҳо баъд аз соли 1950 сабабҳои пайдоиши онро мушаххас сохт. Соли 1959 Ҷер Лежен таҳти заррабинҳои замонавӣ мушоҳида кард, ки бемории Даун дар натиҷаи зиёд шудани хромосомаи 21-ум дар мард ё зан пайдо мегардад. То ин солҳо ин бемориро бо номи “содалавҳии муғулӣ” ном мебурданд, ки баъдан онро таҳқир ва таҳвин дар ҳаққи як миллат шумурданд. Соли 1961-ум 18 нафар геншиносҳои машҳури дунё дар робита ба тағйир додани номи он муроҷиатномае ба нашр расониданд. Аммо дар чил соли баъдӣ низ ин ном дар китоб ва маҷаллаҳои илмии ҷаҳон ба кор мерафт. Баъдан намояндагони мардумии Муғулистон изҳори норизоӣ намуданд ва билохира тамғаи “муғулӣ” бекор ва бемории мазкур “синдроми Даун” номгузорӣ шуд. Соли 2006 бо ибтикори олими геншиноси Миср Стилионос Антонаракис 21-уми март чун рӯзи одамони дорои синдроми Даун эълом гашт.**

**Хабарнигори рӯзномаи “Овози тоҷик” дар вилояти Қашқадарё барои ба даст овардани маълумоти бештар ба сарвари бахши неврологияи Маркази бисёрсоҳаи бачагонаи тиббии вилоят Олима ТУРСУНОВА бо чанд суол муроҷиат** намуд.



**– Олима Турсунова, нахуст сабабҳои пайдоиши ин бемориро шарҳ медодед.**

– Бемории Даун, ё синдроми Даун (бо забони тиб трисомияи хромосомияи 21) маризии аномалии ирсӣ мебошад. Илман мушаххас шудааст, ки беморӣ дар натиҷаи зиёд ба ҳам омадани хромосомаи 21-уми зан ё мард ба вуҷуд меояд. Аслан барои ба дунё омадани кӯдак 46 хромосома кофист. Яъне 23 адад аз мард ва ҳамин миқдор аз зан. Аммо дар баъзе ҳолатҳо хромосомаи 21 ба ҷойи яктоӣ (ҷуфт) аз тарафи зан ё мард як адад зиёд (сето) дохил мегардад ва дар натиҷа мизони адл (табиӣ) халал ёфта, сабаби ин беморӣ мешавад. Тасаввур кунед, ки барои сохтани як хишт як кило лой кофист ва онро усто ба қолаб гузошта, хишт мерезад. Агар ба ҳамон қолаб каме зиёд мавод ҳамроҳ кунед, шакли хишт тағйир меёбад. Ҳамон зебоӣ, ки мунтазираш ҳастед, падид намеояд. Ба дунё омадани одамро ҳам аз чунин шарҳи сода метавон фаҳмид. Агар мавод (хромосома) як адад зиёд шавад, мизони табиӣ халал меёбад ва дар натиҷа тифли бемор ба дунё меояд.

**– Чӣ хел бояд фаҳмид, ки одам «синдроми Даун» дорад?**

– Чунин кӯдакон (одамон) аз нигоҳи рушди интеллектуалии ҷисмонӣ ақиб мемонанд. Ҳамон маводи изофавӣ (трисомияи хромосомаи 21) оқибат «кор»-и худро мекунад. Гирифторони «синдроми Даун» бештар аз нуқси кори дил шикоят мекунанд, ғадудҳои сипаршаклашон низ фаъолияти хуб надоранд, мушакҳои тани чунин беморон нисбатан заиф ва тарҳи рӯяшон низ ғалатӣ аст. Аз нигоҳи ҷисмонӣ ва ақлӣ заиф, гарданашон кӯтоҳ буда, дар пушти гардан пӯсти зиёдатӣ доранд. Ин бемориро танҳо мутахассис пас аз ташхиси ҳамаҷониба, таҳлили хун ва истифодаи тестҳои скринингӣ метавонад муайян созад.

**– Ин бемории табобатшаванда аст?**

– Мутаассифона, не. Он як иллати модарзодист ва ҳанӯз тиб дар табобати он дасткӯтоҳ аст. Аксари тифлоне, ки бо «синдроми Даун» ба дунё меоянд, умри дароз намебинанд. Ҳарчанд табобатшаванда нест, аммо дар шароити имрӯз ба беҳбудии ҳолати беморони ин касалӣ метавон муваффақ шуд ва ба онҳо аз нигоҳи ҷисмонӣ ва руҳӣ кумак кард. Имрӯз дар ҷаҳон аз байни 700-800 тифле, ки ба дунё меоянд, нафаре бо «синдроми Даун» таваллуд мешавад. Бояд таъкид кард, дар байни модароне, ки аз синни 35 боло ҳастанд, эҳтимоли бо бемории «синдроми Даун» ба дунё овардани тифл бештар аст.

**– Дар вилояти Қашқадарё оё чунин беморон муайян шудаанд?**

– Беморони бо «синдроми Даун» дар ҳама ҷо ҳастанд. Ҳоло дар байни кӯдакони вилояти мо 58 чунин ҳолат қайд гардидаанд. Дар шаҳри Қаршӣ “Имкон” ном боғчае ҳаст, ки дар он бачаҳои дорои «синдроми Даун» тарбият мегиранд ва ҷараёни ба ҳаёт мувофиқ сохтани онҳо тамрин мегардад.

**– Ташаккур.**

– Саломат бошед?

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Қашқадарё.**

# ДАР ВИЛОЯТИ НАВОӢ КИШТИ ПУНБАДОНА ОҒОЗ ЁФТ

**Фасли сармо даргузашту баҳор омад. Табиат тарки хоб карда, либоси нав ба бар кард. Фасли киштукор фаро расид. Ба ин раванди созанда деҳқонони вилояти Навоӣ низ бипайвастанд. Бо дуои мӯйсафедон дар вилоят ба кишти пунбадона оғоз намуданд.**

Дар замини хоҷагии фермерии “Ҳамид Сардор”-и ноҳияи Навбаҳор бо иштироки фермерон ва роҳбарони муассисоти дахлдор семинари таълимӣ-амалӣ баргузор шуд. Дар семинар аз ҷониби мутахассисон таъкид гардид, ки бо мақсади ба даст овардани ҳосили фаровон аз пахта, имконот ва иқлими муҳитро ба инобат гирифта, кишти пунбадонаро бо самар ва бо сифат бояд анҷом дод. Афзалиятҳои чигити сертификатдор батафсил таъкид ва баррасӣ гардид.

Дар ҷараёни семинар техникаҳои хоҷагии деҳот ба намоиш гузошта, афзалияти онҳо ҳангоми кишту кор ва ғунучини ҳосил ба фермерон таъкид карда шуд.

Дар охир бо дуои мӯйсафедон кишти чигит оғоз ёфт. Дар вилоят соли равон дар майдони 24730 гектар замин чигит кишт карда мешавад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Навоӣ.**

**Дар арафаи иди Наврӯз бо мақсади хидмати босифати нақлиётӣ ба мардум ба вилояти Намангон аз Ҷумҳурии Чин 30 дона автобуси замонавӣ оварданд, ки ширкати “Zhong Tong Bus” истеҳсол кардааст.**

# АВТОБУСҲОИ ЗАМОНАВӢ ДАР НАМАНГОН

Соли гузашта барори такмил додани соҳаи нақлиёт аз тарафи ҶММ “Экспресс Долина” 36 дона автобус оварда шуда буд. Ҳоло онҳо дар кӯчаҳои шаҳр ҳаракат карда, ба мардум хидмат мекунанд.

Автобусҳои нав бошад, аз ҷониби ҶММ “Турон-95 МБИ” оварда шуд. Дар автобусҳое, ки 25 ҷойи нишаст доранд, ҳамаи шароит ва имкониятҳо мавҷуд. Барои шахсони имкониятии ҷисмониашон маҳдуд низ ҷойҳои махсус ва пандус пешбинӣ шудааст. Дар фасли замистон гарму дар тобистон низ ба фасл мос аст.

Автобусҳои замонавӣ мувофиқи нақша дар ҷойҳо ҳаракати худро оғоз намуданд ва аҳли вилоят барои ин туҳфаҳо ба роҳбарон ва Садорати нақлиёти вилоят миннатдорӣ изҳор намуданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

27 март – Рӯзи байналхалқии театр

# ТЕАТР МАСКАНИ ТАРБИЯ АСТ

**Лӯхтакбозӣ як намуди намоиши театрӣ буда, дар он зочаҳоро актёрон бозӣ медоронанд.**
**Дар Осиёи Марказӣ пайдоиши театр бо номи маърифатпарвар Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ иртиботи ногусастанӣ дорад. Асари ӯ «Падаркуш» соли 1914 ба саҳна гузошта шуда буд. Театри лӯхтаки Самарқанд бошад, соли 1978 таъсис ёфт. Асосгузори он Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон, раҳматӣ Асрор Ҷӯраев мебошад. Нахустин асари саҳнавӣ дар ин росто «Алии хурдакак» ном дошт, ки ба қалами Ғайратӣ мансуб буд. Он аз бачагии олим ва мутафаккир Алӣ Қушчӣ ҳикоят мекунад. Ҳоло театри лӯхтак дар бинои соли 1895 тибқи лоиҳаи меъмор Г.М.Сваривичевский бунёд ёфта фаъолият дорад.**
**Суҳбати мо бо мудири шуъбаи бадеии он Меҳрангез ТОҲИРОВА ҷараён гирифт.**



– Театри лӯхтак дар қалби наврасон ҳисси инсонпарварӣ, накӯкорӣ, ватанпарварӣ ва меҳнатдӯстиро ангезиш дода, дар онҳо аз хислатҳои бади инсонӣ – дилозорӣ, танбалӣ, айбҷӯӣ, дурӯғгӯӣ ва ғайра канораҷӯиро талқин менамояд, – гуфт М. Тоҳирова, – воқеаҳо дар пеши назари онҳо содир шуда, лӯхтакҳо бо забони инсонӣ ҳарф мезананд, хурдсолонро ба худ ром мекунанд. Ин аст, ки тамошобини хурдсол ба гирдоби воқеаҳо афтода, ба онҳо муносибати хешро баён менамояд, амалҳои неку бадро фарқ мекунад.

Воқеан, зочабозӣ аз дигар намудҳои театр бо сужетҳои анъанавӣ, усулҳои хоси иҷро ва қаҳрамонҳои доимӣ фарқ мекунад. Лӯхтакбозӣ дар Самарқанду Бухоро аз қадим расм буд. Шояд шумо аз бачагӣ шоҳид ҳастед, ки зочабозӣ асосан ба муносибати таваллуди кӯдак ва дигар маросимҳои хурсандӣ аз ҷониби лӯхтакбозҳо сурат мегирифт ва ба бачагон ғизои маънавӣ медод. Он айём зочаҳо тавассути ресмон ва ё бо ёрии ангушт ба ҳаракат оварда мешуданд. Андозаашон ҳар хел буд. Афсӯс, ки ҳоло чунин анъанаҳои халқӣ, дастаҳои сайёри ҳунарӣ аз байн рафтанд. Имрӯзҳо дар базмгоҳ таҷлили зодрӯз, муҷалтӯй ба анъана табдил ёфтааст, ки ба ҷойи зочаҳо хирспаҳлавони азимҷусса, заргӯшу Бобои барфӣ ба «табрикот» меоянд.

**– Меҳрангез Ашрафовна, дар бораи фаъолияти имрӯзаи театр ба мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» маълумот медодед...**

– Имрӯзҳо бо роҳбарии директорамон Фирӯз Абдураҳимов, ҷонишини ӯ Ҷаҳонгир Ҷалолов, режиссёр Фарҳод Мирзоев, рассом Николай Султонов ва қариб 20 нафар ҳунарпешагон асарҳои драманависони кишвари азизамон ва хориҷиро ба саҳна мегузорем.

Соли 2018 дар анҷумани анъанавии театрҳои лӯхтаки Ӯзбекистон бо афсонаи таърихии муаллифон Шаҳодат Усмонова ва Дурдона Ӯроқова «Табиби сеҳрнок», ки ба ҳаёти аллома Ибни Сино бахшида шудааст, иштирок карда, соҳиби ҷоиза шудем. Баъд аз як сол дар шаҳри Мерсини Туркия ба муносибати Рӯзи байналхалқии театр тадбири бошукӯҳ ба вуқӯъ пайваст. Ҷамоаи мо бо асари Ш. Усмонова – «Ситораи Улуғбек» ба ҷоиза соҳиб гашт.

Сафари эҷодӣ ба шаҳрҳои Маскав, Санкт-Петербург, Краснодар, Оренбург хотирмон буд. Дар Куриёи Ҷанубӣ аз ҷониби ЮНЕСКО фестивали театри кӯча ташкил шуда буд, ки мо дар он бо спектакли «Ҳангомаҳои Хоҷӣ тамтам» ширкат варзида, сазовори ҷойи фахрӣ гардидем.

Умуман, то имрӯз аз ҷониби ҳунарпешагони театр беш аз 200 асар ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва хориҷӣ ба саҳна гузошта шуданд.

**– Асарҳои тоҷикиро низ ба саҳна мегузоред?**

– Ҳоло не, лекин аз баромади мо мардуми шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд ва Панҷакенти Тоҷикистони бародарӣ баҳраманд шудаанд. Воқеан, директорамон бо ҳамкасбони тоҷик шартномаи ҳамкорӣ бастаанд ва умед дорем, ки минбаъд риштаҳои дӯстии ҷумҳуриҳои ҳамдилу ҳамҷавор мустаҳкамтар хоҳад шуд.

**– Меҳрангез Ашрафовна, бо ҳунарпешагони театр моро шинос мекардед?**

– Устоди саҳна Акбар Абдуллоев солҳои тӯлонӣ бо ҳунари волои хеш дар мадди назари мухлисон аст. Соли гузашта ӯ бо медали «Шуҳрат» қадршиносӣ шуд. Абдурасул Бобалиев, Самир Шарипов, Вера Львова низ ба мукофоту унвонҳои баланд соҳиб гардидаанд. Ҳунарпешагони ҷавон Ҷавоҳир Қурбонов, Инесса Мустаева, Гулида Шаманова ва дигарон истеъдоди худро сайқал дода, сазовори эҳтироми мухлисон мегарданд.

**– Ҳамкорӣ бо драманависҳо дар кадом поя аст?**

– Драматургия «жанри душвори адабиёт» ва аҷибаш дар он аст, ки эҷодкорони машҳур ҳам ба ин соҳа камтар даст мезананд. Далели фикрам нависандаи машҳур Чингиз Айтматов. Аммо тан гирифтан лозим, ки дар драматургияи ҷаҳон ҳеч кас бо эҷодкори намоёни англис Вилям Шекспир ҳампоӣ накардааст. Асарҳои безаволи ӯ «Шоҳ Лир», «Ромео ва Ҷулетта», «Афсонаи зимистон», «Ҳамлет» ва ғайра имрӯз ҳам саҳнаоро ҳастанд.

Албатта, дар Самарқанд Шаҳодат Усмонова барои театри лӯхтаки вилоят бисёр саҳнаҳои ҷолиби диққат эҷод намуд. Ҳарчанд дар нафақаанд, ҳамкории мо идома дорад. Инчунин, аз асарҳои дигари драманависҳои Ӯзбекистон истифода мебарем.

**– Дар замони қадим театр ягона воситаи мулоқот бо мардум буд. Зеро дар он вақт рӯзномаву маҷалла, кино ё «оинаи нилгун» ба хотири ҳеч кас наомадааст. Боз мегӯянд, ки мардум бештар на ба ибодатхона, балки ба театр мерафтанд. Спектаклҳои даҳ-бист соат кашолёфтаро ҳам хандида, ҳам гирякунон тамошо мекарданд. Ана барои чӣ юнониён ҷазои ғайрианъанавиро барои гунаҳкорон муносиб медонистанд. Онҳоро ба муддати шаш моҳ аз тамошо кардани театр маҳрум мекардаанд. Афсӯс, ки вақтҳои охир телефон, интернет ва дигар воситаҳои электронӣ тамошобинонро ба сӯйи худ кашид.**

– Гапатон дуруст. Телефонбозӣ на танҳо бачагону наврасон, ҳатто калонсолонро чун «тори анкабут» ба худ печонда гирифт. Алайҳи чунин рақиби пурзӯр танҳо бо асарҳои ҷолиби диққат метавон мубориза бурд.

Маърифатпарвари зиндаёд Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ навишта буд, ки театр ибратхона, маскани тарбия ва маърифат аст.

**Суҳбаторо**
**Меҳрангез БОЛТАЕВА,**
**устоди Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд.**



Дар Бухоро таҳти шиори «Арзишҳоят пойдор бошанд, Наврӯз!» чорабиниҳои ҷашнӣ баргузор шуданд.

Дар он намояндагони ҷамоаҳои тамоми шаҳр ва ноҳияҳо, марказҳои миллию маданӣ, корхонаву ташкилот, муассиса ва масъулони маҳаллаҳо, фидоиёне, ки дар тамоми ҷабҳаҳои хоҷагии халқи кишвар хидмати беминнат карда, соҳиби обрӯву эътибор шудаанд, собиқадорони меҳнат, сайёҳоне, ки ба кишварамон омадаанд, вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

Чорабинии мутантан бо барномаи консертии ҷамоаҳои бадеӣ, иҷрогарони ҷавон ва устодони санъати ҷумҳурӣ пурфайз гузашт.

Хурсандиҳои Наврӯз дар тамоми қаламрави вилоят баргузор мегарданд.

**Суратгир: Т.ИСТАДОВ (ӮзА).**

Пажӯҳиш

# МУҲАММАДЮСУФИ МАЪЮСӢ КИСТ?

Муҳаммадюсуфи Маъюсӣ соли 1871 дар деҳаи Хонҷизаи ҳоло вилояти Сурхондарё дар оилаи камбағал ба дунё омадааст. Маъюсӣ дар айёми кӯдакӣ аз падараш илмҳои динӣ ва адабиёт меомӯзад ва баъдтар дар деҳаи худаш таълимро давом медиҳад. Давраи кӯдакиаш бо машаққатҳои зиёд гузаштааст. Шоир аз кӯдакӣ ба илм гирифтан шавқ дошт, шеър ва ғазалҳоро зуд азхуд карда мегирифт, зеҳни пазиро дошт. Дар бораи оилааш маълумоти пурра нест. Маъюсӣ, баъди хатми мактаб, барои таълим гирифтан ба Бухоро меравад ва дар он ҷо бо бисёр шоирон ва нависандагон шиносоӣ пайдо мекунад, бо навиштани шеър, ғазал, мухаммас машғул мешавад. Маъюсӣ дар Бухоро бо яке аз ҳамдеҳагони худ шинос мешавад, ки Сӯфии Харобаи Ҳисорӣ ном дошта, дар байни мардум нуфузу эътибори зиёде ёфта буд. Шиносоӣ бо ӯ дар фаъолияти Маъюсӣ таъсири калон расонидааст. Сӯфии Харобаи Ҳисорӣ аз дилбастагони ҷараёни нақшбандияи тасаввуф будааст. Ин байти Маъюсӣ гувоҳи ин гуфта аст:

*Нақшбандо, бар дарат ранги хазон овардаам,*
*Дар ҷабини худ гунаҳкорӣ нишон овардаам,*
*Дар хазоини ту бисёр аст ганҷу симу зар,*
*Дар ҳаримат он чӣ камёб аст, он овардаам.*
*Назр месозанд мардум дар ҳаримат симу зар,*
*Ман ба назри остони дӯст ҷон овардаам...*

Нақлу ривояте ҳаст, ки як шаби тамомро сари мақбараи ҳазрати Баҳоуддини Нақшбанд бо дуову munоҷот рӯз карда, субҳ ин ғазали обдорро сароида. Ҳамин тавр, Маъюсӣ бо Сӯфии Харобаи Ҳисорӣ дӯстии наздик пайдо мекунад. Тахминан, солҳои 1911, баъд аз бист соли таҳсил, аз Бухоро ба зодгоҳи худ баргашта, оиладор мешавад. Шоир баъди як моҳ барои итмоми таҳсил боз ба Бухоро бармегардад, соли 1915 мадрасаи Мири Арабро хатм мекунад. Маъюсӣ соли 1926 бо ҳамроҳии эшони Содиқи Самарқандӣ ва Мулло Бурҳон бо азми зиёрати Каъба ба роҳ мебароянд. Аммо дар роҳ инқилобиёни сурх – барпокунандагони Ҳукумати Шуравӣ шоиру ҳамроҳонашро дастгир намуда, муддате ҳабс ва сипас боз ба зодгоҳашон мегуселонанд. Баъдан шоир дар зодгоҳаш умр гузаронида, соли 1948 аз дидаи бино маҳрум мешавад. Шоир умре доғи бефарзандиро кашида, абёти зиёде дар ин мавзуъ сурудааст.

*Солҳо рафту ҷигарбанде наёмад бар дарам,*
*З-ин сабаб ёрон, ман ин дам додгӯён меравам.*

Шоир баъди оҷиз шудан 14 пораи боқимондаи Каломуллоҳро бо такрори дигарон дар хотира ҳифз мекунад. Ӯ аксари ашъори худро маҳз дар давраи нобиноияш офаридааст, ки шогирдонаш онҳоро ба дафтарҳо навишта, ба имрӯзиён интиқол додаанд. Муҳаммадюсуфи Маъюсӣ соли 1967 шаби ҷумъа аз олам чашм мепӯшад.

Шоир бисёр шахсони бомаърифатро ба камол расонидааст. Шогирдонаш Мулло Маҳмуд, Ҳидоятулло, Абдулкабир, Ғиёсуддин аз он ҷумлаанд. Мероси шоир пурра то ба мо нарасидааст. Муаллифи асарҳои “Гуфтори Маъюсӣ”, “Таҷаллои ишқ” ва “Асмо-ул-ҳусно” маҳсуб мешавад. Аъшори шоир тавассути додарзодааш ва шогирдаш Абдулқосим имрӯзҳо дастраси аҳли илм гардидааст. Як қисми шеърҳояш бо хати форсӣ китобат шудаанд. Чор мисраъ шеъри зеринро шоир ба дастони худаш дар сутуни хонааш навиштааст:

*Навиштам сатре дар девори хона,*
*Ки монад аз мани мискин нишона.*
*Худовандо ато кун умру давлат,*
*Фақат шодӣ бубахшову амонат.*

Ашъори Маъюсӣ саропо ирфонист, онҳо дунёи ботинии шоирро таҷассум намудаанд.

**Сабрина САФАРОВА,**
**донишҷӯйи курси 3-юми гурӯҳи тоҷикии Донишгоҳи давлатии Фарғона.**

# МАСЪАЛАИ БАРОБАРИИ ҶИНСӢ ДАР ҚИССАИ “ЁДГОР”-И ҒАФУР ҒУЛОМ

Эҳтиром ва ғамхорӣ нисбати зан аз ҷумлаи фазилатҳои олиҷанобии мардуми мо мебошад. Зан – модар аз қадимулайём давомдиҳандаи насли инсон ва тарбиятгари ворисони сазовори ҷамъият аст. Алҳол дар Ӯзбекистони Нав барои занон шароити мусоид фароҳам оварда шуда, бобати баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа заминаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла баробарии гендерӣ, меҳнатӣ ва ҳуҷҷатҳои дахлдори меъёрӣ ба имзо расидаанд.

Дар гузашта муносибат ба зану духтарон чун имрӯза набуд, онҳо аз иштирок дар корҳои сиёсиву ҷамъиятӣ, таълиму тадрис маҳрум буданд. Ин ҳақиқати талх дар асарҳои шоиру нависандагон акси худро ёфтаанд. Масалан, адиби шинохта Ғафур Ғулом дар қиссаи “Ёдгор”-и худ ба номувофиқатии баробарии гендерӣ, бармаҳалу ғайри хоҳиши онҳо ба шавҳар додани духтарон эътибори махсус зоҳир кардааст.

Яке аз қаҳрамонони асар – Саодат дар мактуби нахустинаш ба Ҷӯра (шарикдарс ва баъдтар дӯстдоштааш) доир ба розӣ набудани волидайн ба минбаъд давом додани донишандӯзӣ ва дар хона нигаҳ доштани ӯ, аз ин ҳолат дар изтироб будани худро менависад. Дар асар ҳодисаву воқеаҳо аксар тавассути ба ҳамдигар мактубнависии дилдодагон ошкор мегардад. Саодат баъди чандин илтимоси дӯстонаш, оқибат ба хондани духтараш розӣ шудани падару модар ва имтиҳон супурда ба техникуми омӯзгорӣ дохил шудан, ҳамчунин хурсандии беинтиҳояшро аз тариқи мактуб ба Ҷӯра мерасонад. Ҷӯра ҷавобан менависад: “Саодат! Ба хондан дохилшуданатро фаҳмида хеле хурсанд шудам. Ҳар як духтар бояд барои оянддаи дурахшони худ соҳиби маълумот ва касбу кор бошад”.

Таъкид бояд кард, ки адиб дар қисса воқеаҳои солҳои 30-юми асри гузаштаро тасвир намудааст. Соҳиби илму дониш шудани духтаронро дастгирӣ намуда, масъалаи зарурати баробарии иҷтимоиро дар ҷамъият пеш гузоштааст.

Қаҳрамони асосии асар – Ҷӯра ҳамчун шахси озодфикр, дорои маънавияти баланд тасвир гардидааст. Хоҳари ӯ – Қумрӣ аз сабаби фарқ доштани муҳити хонаводагӣ нисбати оилаи Саодат соли аввал ба мактаби олӣ дохил мешавад. Ҷӯра дар яке аз мактубҳояш ба Саодат менависад: “Баъди ду сол тӯямон мешавад.То он вақт ману ту хонданро хатм мекунем. Барои ҳаёти дурахшон, ба фарзандонамон падару модари муносиб шудан ба пеш! Зеро ман барои духтури нағз, ту бошӣ, барои омӯзгори хуб шудан ваъда додаем”. Ғафур Ғулом дар асараш баробари фазилатҳои неки инсонӣ, муносибати худро тавассути образи Ҷӯра ва Саодат ба масъалаи баробарии ҷинсӣ баён кардааст.

Алъон дар Ӯзбекистони Нав бо назардошти тамоюлҳои нав ба масъалаҳои занону духтарон эътибор афзудааст. Баҳри ҳимояи ҳуқуқ, манфиат, ҳифзи саломатӣ, баланд бардоштани фаъолияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии занон, омӯзонидани касб, васеъ ҷалб намудани онҳо ба соҳибкорӣ, дастгирии бонувони эҳтиёҷманд, таъмини баробарии ҷинсӣ, ҳимояи занон аз тазъиқ ва зӯроварӣ корҳои назаррас амалӣ мегарданд. Масъалаҳои мазкур ҳамчунин дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо, асарҳои адибон ифодаи худро мееёбанд.

**Саломат ҲАМИДОВА,**
**донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд.**

**Барои варзикиён иди Наврӯз бо хайру баракат омад. Бо саъю кӯшиши зиёд аҳли деҳаи Варзик дар ду лоиҳаи «Опен буҷа» – сохтмони иншооти варзишӣ ва таҷдиди роҳҳои пиёдагарди деҳа ғолиб дониста шуданд.**

# ПИРӮЗИҲОИ ВАРЗИКИЁН

Дар асоси ин дар мактаби миёнаи рақами 58-ум бо маблағи 1,5 миллиард сӯм бунёди майдони резинфарши варзишӣ, гирдаш иҳота ва болопӯшидаи андозааш 44 х 23 метр, инчунин «workout» барои омӯзиши бозиҳои волейбол, баскетбол ва бадминтон, нишастгоҳи дуҷонибаи тамошобинон, хонаҳои шустушӯй ва либоспӯшӣ, аз ҷумла, майдонҳои футбол, волейбол ва тӯби дастиро дубора таъмир кардан, бо маблағи боқимонда бошад, ивазкунии дару тирезаҳои биноҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд.

Аз рӯйи лоиҳаи дуюм бо сарфи маблағи 1 499 780 ҳазор сӯм ду роҳи асосии пиёдагарди дунимкилометраи деҳа аз нав таъмиру таҷдид карда мешаванд.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
***Вилояти НАМАНГОН.***

*22 март – зодрӯзи Мирзо Улуғбек буд*

# РАСАДХОНАИ САМАРҚАНД



Соли гузашта ба шаҳри Самарқанд садҳо нафар сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ ташриф фармуданд, ки дар хатсайри онҳо расадхонаи Мирзо Улуғбек низ ҷой дорад.

Олими бузурги маърифатпарвари рус, соҳиби дониши қомусӣ, асосгузор ва нахустин директори осорхонаи Самарқанд Василий Вятикан (30.08.1869 – 26.06.1932) барои дарёфти ёдгориҳои таърихӣ, хосатан расадхонаи Мирзо Улуғбек, хидмати шоиста кардааст. Вай соли 1914 дар натиҷаи ҷустуҷӯйҳо ҷойи расадхонаро муайян намуд.

Муҳаммад Тарағай – Мирзо Улуғбек соли 1409, баъди ҳокими Самарқанд эълон шудан, дар майдони Регистон мадраса ва сипас дар Кӯҳак ном теппаи назди наҳри Обираҳмат расадхонаи машҳури худро бунёд кард. Дар он айём расадхона дар шакли устувона (силиндр) аз се қабат иборат буд, 47 метр баландӣ ва 42,2 метр бар ва зинаҳои камоншакл дошт. Шогирдони олим дар инҷо мушоҳида ва тадқиқоти астрономӣ ва геофизикӣ мебурданд.

Тарбеъ, устурлоб асоситарин асбобҳои ин расадхона буданд. Дар асоси расадхонаи мазкур мактаби илмию тадқиқотии Самарқанд барпо гардид. Дар асари безаволи Мирзо Улуғбек «Зичи Курагонӣ», ки ба забони тоҷикӣ-форсӣ навишта шудааст, ин санадҳо мавҷуданд.

Дар расадхона алломаҳои бузург Қозизодаи Румӣ, Ғиёсуддини Кошонӣ, Алии Қӯшчӣ ва дигарон бо корҳои илмӣ машғул ва ба муваффақиятҳои назаррас соҳиб гардидаанд. Бино ба маълумоти бостоншиносон расадхонаро толори васеъ, ҳуҷраҳои хурду калон ва деворҳо бо тахтасангҳо зебу зиннат дода буданд. Олимону мутахассисони соҳа дар ҳамон замон ҳаракати Офтобу Моҳ, ситораву сайёраҳоро тадқиқ карда, барои ривоҷу равнақи илми нуҷум саҳми арзанда гузоштаанд, ки то ҳол аҳамияти худро гум накардааст.

Афсӯс, ки ҳоло фақат қисми дар зери замин маҳфузмондаи он вуҷуд дорад.

Боиси хушнудист, ки соли 1994 дар маркази фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид, ки дар шаҳри Париж қарор дорад, 600-солагии Мирзо Улуғбек мутантан ҷашн гирифта шуд. Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд анҷумани бошукӯҳи байналхалқии илмию амалӣ баргузор гардид.

Бо ташаббуси сарвари давлат солҳои охир расадхона ба зиёратгоҳи машҳури Самарқанд табдил ёфт. Ҳар касе, ки ба Кӯҳак ояд, нигоҳаш ба муҷассамаи алломаи бузурги Шарқ – Мирзо Улуғбек меафтад.

Дар расадхона беш аз 10 нафар роҳбалад ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, испанӣ, фаронсавӣ, хитоӣ, ӯзбекӣ ва ғайра ба сайёҳон доир ба ин меъморӣ ва асосгузори он Мирзо Улуғбек маълумот медиҳанд. Яке аз онҳо донишманду соҳибмаълумот Икромиддин Сироҷиддинов мебошад, ки беш аз 30 соли умри худро ба омӯзишу ҷустуҷӯйи ҳаёт ва фаъолияти Мирзо Улуғбек бахшидааст.

– Доир ба арбоби давлатӣ, мутафаккири замони хеш, машъалафрӯзи илму фарҳанг Мирзо Улуғбек ва таърихи расадхонаи ӯ бисёр асарҳои ҳам илмӣ ва ҳам бадеӣ интишор ёфтаанд, вале ҳанӯз он ба дараҷаи кофӣ нест, – мегӯяд Сироҷиддинов, – зеро кору зиндагиномаи ӯ уқёнуси бетаҳу охир аст.

Масалан, дар бораи марги фоҷиаангези вай тахмину гумонҳои гуногун мавҷуданд. Яке аз онҳо аз ҷониби писараш кушта шудани Мирзо Улуғбек аст. Шахсан ман дар асоси байти Абӯшакури Балхӣ:

*Ду чашмат ба фарзанд равшан бувад,*
*Агарчанд фарзанд душман бувад.*
*Зи пеши писар марг хоҳад падар,*
*Ту душман шунида зи ҷон дӯсттар?!*

солҳои тӯлонӣ тадқиқот бурда, бо далелу санадҳо собит намудам, ки Абдулатиф падаркуш нест.

Боз як масъалаи дигар, ин фитна барангехтан дар байни Мирзо Улуғбек ва яке аз пешвоёни тариқати Нақшбандия Хоҷа Аҳрори Валӣ аст. Нависанда Одил Ёқубов ана ҳамин гапҳои бидуни асосро дар китоби «Хазинаи Улуғбек» бо обуранги бадеӣ овардааст. Агар хотираам фиреб надиҳад, шумо ҳамчун сокини маҳаллаи Хоҷа Аҳрори Валӣ ба он эътироз карда будед.

– Оре, баъдан нависанда, аз мухлисони каломи бадеъ ҳатто узр пурсид.

– Бояд таъкид намуд, шояд дар замони ҳукмронии Мирзо Улуғбек баробарҳуқуқии занону духтарон бо мардон вуҷуд доштааст. Инро аз расмҳои минётурии мусаввир Камолиддин Беҳзод ва шогирдони ӯ метавон дарк кард. Дар пештоқи мадрасаи Мирзо Улуғбек дар майдони Регистон ҳадиси «Муслим ва муслимаҳо аз гаҳвора то гӯр бояд илму дониш гиранд», сабт шудааст. Дар минётураҳо лаҳзаҳои дар як ҳуҷра таҳсил гирифтани писаракону духтаракон низ акс ёфтаанд.

Дар осорхонаи мо асбобҳои мусиқие гузошта шудаанд, ки Мирзо Улуғбек онҳоро менавохт, гӯш мекард ва ҳатто асарҳои мусиқӣ менавишт.

Кош, онҳо ҳаёт ва фаъолияти Мирзо Улуғбек барин шахсони маърифатпарвар ва равшанфикронро меомӯхтанд, эҳтимол ҷаҳонбиниашон тағйир меёфт.

Албатта, дар як гузориши хурд дар бораи расадхона ва осорхонаи Мирзо Улуғбек имкони батафсил маълумот додан нест. Аз ин рӯ, мо навиштаи худро бо ҳикмати «Шунидан кай бувад, монанди дидан» ҷамъбаст мекунем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# «ШУКР ГӮЯМ ЗИНДАГИРО БО ҲАМА НЕКУ БАДАШ...»

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).**

### Ман гунаҳкорам

Оқибати «демократия», «озодии сухан», «ошкорбаёнӣ» барин ибораҳо ин шуд, ки яке аз фаъолони Маркази фарҳангии тоҷикон ва тоҷикзабонони Самарқанд, изҳор дошт, ки доир ба гузаронидани маҷлиси фаъолон дар рӯзнома эълон чоп кунем.

Ҳарду матнро таҳия намуда, назди муҳаррир даромадем. Муҳаррир аз ман пурсид, ки маънои калимаи «гирдиҳамоӣ» чист?

– О, ин гапи тоҷикии адабӣ, – фаҳмондам, – мазмунаш маслиҳат, суҳбат, саволу ҷавоб...

– Нағз – аз нимкосаи таги коса бехабар, мамнун сӯйи «мизоҷ» нигаристанд муҳаррир, – эълон пулакӣ, 10 сӯм.

Оҳ, агар муҳаррир медонист, ки барои 10 сӯм ва аз надонистани маънои калимаи «гирдиҳамоӣ» чӣ қадар шӯру ғирев мехезад, ҳеҷ гоҳ ба чопи эълон розӣ намешуд.

Эълон чоп шуд, вале ҳарчанд як қисми он – ҳазор нусха паҳн гардид, боқимонда 14 ҳазор нусха ба коғазпора – макулатура табдил ёфт. Рӯзи дигар дар саҳифаи аввалини он бо ҳарфҳои калон ва сурх иттилоъ дода шуд, ки «Дар Регистон гирдиҳамоӣ намешавад!». Таъҷилан маҷлиси кушоди ғайринавбатии ташкилоти ҳизби рӯзномаи собиқ «Шарқ тонги» (ҳоло «Гулобод тонги») ба вуқӯъ пай-



васт.

Дар ҷамъомад котиби аввали ноҳия Исо Исҳоқов эълон кард, ки «муҳаррир бо ихтиёри хеш аз вазифааш рафтанӣ аст. Ана, аризааш!»

Баъди ҳама бадар рафтан, ман назди муҳаррир музтар истода, иқрор кардам, ки гунаҳкор ҳастам.

– Ҳеҷ гап не, писарҷон, – бо заҳрханда дуди тамокуро фурӯ бурд устод Зайниев, – муҳимаш, маъно ва қудрати калимаи «гирдиҳамоӣ»-ро дарк кардем.

### Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор...

Воқеан, солҳои фаъолият дар рӯзномаи «Шарқ тонги» бо бисёр шахсони муътабар ошноӣ пайдо кардам. Ба хотири саҳифаи тоҷикӣ устодони сухан ва олимони маъруф Фазлиддин Муҳаммадиев, Болта Ортиқов, Шодон Ҳаниф, Холиқ Мирзозода, Раззоқ Ғаффоров, Адаш Истад ва дигар адибони тоҷик ба идораи мо сар халонда, барои боз ҳам хонданибоб, шавқангез, пурмазмун гардидани рӯзнома маслиҳату кӯмаки хешро дареғ намедоштанд. Аммо барои ба кӯчаи наср даромаданам хидмати устод Шодон Ҳаниф калон аст.

Раҳматӣ боре гуфтанд: «Мулло, зиёд саргарми очерку ҳикоя нашавед, вақти асарҳои калонҳаҷм навиштан расид. Канӣ, як ғайрат кунед, бинем, қаламатон ба чӣ қодир аст. Навиштан аз шумо, таҳрир аз мо».

Суханони устод илҳом бахшид ва нахустин қиссаи тарҷумаиҳолии «Зафар» тайёр шуд, ки аввал Озод Ҳамидзода, Маҳбуба Турсунова ва Адаш Истад хонда, иловаҳои аҷиберо ворид намуданд. Дертар китобҳои «Боз баҳор меояд», «Ривояти Оқсой», «Азизи мардум», «Бозгашт ба ҳаёт» рӯйи чопро диданд. Ҳоло се китоби банда дар нашриёт аст.

Таъкид кардан бамаврид аст, дар шебу фарози ҷодаи хабарнигорӣ роҳи тайкардаи шодравонҳо Насриддин Зайниев, Абдусалом Муҳаммадалиев, Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода, Ҷонибек Қувноқ, Муҳсин Умарзода, Акбар Усмонов, Отахон Латифӣ, Аҳмадҷон Мухторов, Борис Шеголихин, Нор Остонзода бароям намунаи ибрат буду ҳаст.

### Пешбарӣ ба депутатӣ

Баъди ба истиқлол расидани кишварамон қоидаҳои пешбарии номзад ба депутатӣ куллан тағйир ёфт. Дар яке аз чунин маҷлисҳо мардуми деҳаи Хоҷа Аҳрори Валӣ номзади бандаро ба депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешбарӣ намуданд. Рақиби ман кӯшиш ба харҷ дод, ки бо ҳар роҳ пирӯз ояд... Бо вуҷуди он 42 фоиз овоз гирифтам.

### Кори бад аз мардуми бад сазад

Рӯзе яке аз ошноҳоям занг зада гуфт, ки дар бозори Сиёб беадолатӣ, хиёнат ба ҳаққи харидорон дар авҷ аст.

– Шумо, додарҷон, як маротиба бо устоди худ фелетони «Дар бозор – роҳи пулёбӣ бисёр»-ро навишта, пӯстаки директори онро дурустакак афшонда будед, – фаҳмонд ӯ, – гап дар сари он, ки дирӯз ду кило нок харидам, аммо дастам сабук будани меваро ҳис карда, дар дигар ҷой онро рӯйи тарозу гузорам, ноинсоф 400 грамм задааст. Ба фикрам, мунофиқон санги тарозуро, ки рӯяш «як кило» навишта шудааст, сӯрох карда, ба ҳаққи харидорон хиёнат мекунанд.

Ман ба дӯсти наздикам Комилҷон Ашӯрзода занг зада, масъаларо фаҳмондам, илтимос кардам, ки ҳар се ба бозори Сиёб равем. Ӯ розӣ шуд. Моён мусаллаҳ бо қаламу дафтар ва дастгоҳи аксбардорӣ ба бозори Сиёб омадем. Комилҷон гуфт, ки дар шафати ҳудуди бозор пиразане, ки шавҳараш дар Ҷанги дуюми ҷаҳон шаҳид шудааст, истиқомат мекунад. Роҳбарони бозор ӯро бо ҳар роҳ аз хонааш пеш карда, ҳавлиашро ба тасарруфи худ даровarда, мағоза сохтанӣ ҳастанд.

Мо назди кампир рафта, шикояташро ба диктафон навиштам ва вайронкориро аксбардорӣ карда, ба утоқи кории директори бозор омадем. Ба ӯ мушкили кампир ва фиреби савдогарҳои бозор ва тарафгирии паттафурӯшонро як-як ошкор сохтем.

– Ба назарам шумо боз мақолаи танқидӣ навиштанӣ ҳастед, – роҳбари бозор бо чашмони бозигар сӯйи ман ва ҳамроҳонам нигарист, – ин коратон нағз не.

Вай тугмачаи паси мизашро пахш карда буд, ки котиба омад. Директор ба гӯши вай пичиррос зад. Дар як нафас нозири ҳуқуқу тартибот дар либоси низомӣ ва ду-се нафар шахсон ҳозир шуданд.

Директор онҳоро ба берун баровaрда ким-чиҳо гуфт. Ва боз гашта омада, ба курсӣ нишаст ва тантанавор хабар дод, ки масъалаи мо ҳал мешавад, яъне савдогарҳои ҳаннoту фиребгар ҷазо мегиранд ва ба ҳавлии пиразан ҳеҷ гуна осебе намерасад.

Директор ваъдаҳои болохонадор медоду ёварон наздаш омада пичирросзанон чизеро мефаҳмонданд.

**(Давом дорад).**

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

Минбари донишҷӯӣ

# ЗАБОН ДОНӢ – ҶАҲОН ДОНӢ

Дар кишварамон ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ имкониятҳо муҳайё аст.

Беҳуда "Забон донӣ – ҷаҳон донӣ" нагуфтаанд, зеро омӯзиши забони хориҷӣ дар мактаб ва донишгоҳҳо меъёри асосӣ буда, донистани он ба имкониятҳоиояндаи фарзандон хеле муфид мебошад. Албатта пеш аз он ки ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ оғоз намоем, набояд фаромӯш кард, ки:

*Ҳар кӣ ба забони худ сухандон гардад,*
*Омӯхтани сад забон осонаш гардад.*

Дар омӯзиши забони хориҷӣ, пеш аз ҳама, ба омӯзиши хуби забони модарӣ таваҷҷуҳ дода мешавад. Баъзе оилаҳо ба фарзандони синни томактабӣ омӯзонидани забони англисиро афзал мешуморанд.

Омӯзиши забон дар кӯдакӣ осон ва самаранoктар аст. Кӯдакон дар ин синну сол забонро зудтар ва беҳтар ёд мегиранд. Омӯзиши забони нав қобилияти фикррондӣ, эҷодкорӣ ва хотираро тақвият медиҳад. Бо ин сабабҳо, агар кӯдакон ба омӯзиши забони хориҷӣ дуруст ва саривақт ҷалб шаванд, онҳо дар таҳсил ва ҳаётиояндаи худ бартариҳои зиёде ба даст меоранд.

Яъне, агар кӯдак аз синни томактабӣ ба муҳити забони хориҷӣ ворид шавад, ӯ метавонад онро мисли забони модарии худ азхуд кунад.

Мутахассисон тавсия медиҳанд, ки омӯзиши забони хориҷӣ на дертар аз 10-солагӣ оғоз шавад, зеро баъдтар дарк ва омӯхтани он мушкилтар мегардад.

Шумораи калимаҳое, ки онҳо бояд азхуд кунанд, ба марҳилаи рушд ва муҳити таълимии онҳо вобаста аст. Бо вуҷуди ин, бар асоси тадқиқот ва таҷрибаҳои омӯзишӣ, барои кӯдакон дар ҳар як марҳилаи синну сол шумораи калимаҳое, ки азхуд кардан лозим аст, чунин аст:

дар 3-4 солагӣ кӯдакон метавонанд тақрибан 50-100 калимаи забони хориҷиро тавассути расм, ашёҳо азхуд кунанд. Дар ин синну сол, муҳим аст, ки кӯдакон калимаҳоро аз тариқи бозӣ ва бо кумаки волидайн ё омӯзгорон омӯзанд;

дар синни 5-6 солагӣ кӯдакон метавонанд 200-300 калимаи асосии забонро омӯзанд, ки одатан он калимаҳое, ки бо муҳити рӯзмарра (масалан, расмҳо, номҳои аъзои оила, ранг ва ҳайвонот) иртибот доранд;

дар синни 7-8 солагӣ кӯдакон метавонанд 500-600 калимаро азхуд намоянд ва ба истифодаи ибораҳои сода ва ҷумлаҳои кӯтоҳ шурӯъ кунанд.

Дар ҳар ҳолат, муҳим аст, ки кӯдакон забони хориҷиро дар муҳити табиӣ ва бо тарзи бозӣ биомӯзанд, ки барои онҳо шавқовар ва фоиданок бошад.

Чӣ гуна кӯдакро бо забони хориҷӣ ошно кардан мумкин аст?

Агар волидон худ забон донанд, онҳо метавонанд бо кӯдак бо ҳамон забон муошират кунанд. Агар не, пас омӯзишро бо ёрии мураббиён, омӯзгорон ё хоҳару бародарони калонӣ идома додан мумкин аст. Омӯзиш бо ёрии мусиқӣ, шеърҳои кӯдакона ва афсонаҳо метавонад шавқовартар гардад.

Интихоби китобҳои расмдор ва мултфилмҳои мувофиқи синну сол кӯдаконро ба забони хориҷӣ бештар ҷалб мекунад. Бозиҳо усули муассири омӯзиш буда, кӯдакро ба раванди омӯзиш бо шавқ ҷалб мекунанд.

Имрӯз донистани танҳо як забон кофӣ нест. Касбиояндаи насли наврас ва имкониятҳои кории ӯ мустақиман бо донистани забонҳои хориҷӣ вобастаанд.

Фарзандоне, ки аз хурдӣ забони хориҷиро меомӯзанд, дар оянда имконият доранд дар донишгоҳҳои хориҷӣ таҳсил кунанд, ба маводи байналмилалии илмӣ ва таълимӣ дастрасӣ дошта бошанд. Дар бозори меҳнат рақобатпазир бошанд. Бо миллатҳо муошират кунанд ва бо фарҳанги онҳо шинос шаванд.

Муҳим он аст, ки омӯзиши забони хориҷӣ дар ҷавонӣ оғоз шавад, то дар оянда бо бартариҳои зиёд вориди ҷомеаи ҷаҳонӣ гарданд.

**Шоҳназар АВАЗХОНОВ,**
**магистри Донишгоҳи Янги асри Тошканд.**

Ба озмуни «Одаму либос — хонаву палос»

# ЛИБОСҲОИ МИЛЛИВУ МАҲАЛЛИИ БУХОРО

Мардум беҳуда «одаму либос – хонаву палос» намегӯянд. Дар ҳақиқат ҳар гуна иморат, манзил, хонаи нав баъди густурда шудани палос ба ҷои зист табдил меёбад. Ҳамин гуна либоси муносиби зебо ба ҳусни инсон ҳусн зам мекунад. Дар рӯйи замин қавму миллатҳои гуногун умр ба сар бурда, бо забон, урфу одат, дину мазҳаб, расму оин аз ҳам фарқ мекунанд, тарзи либоспӯшии онҳо низ аз ҳамдигар тафовут дорад. Тавре намояндагони қавми арабро аз пӯшоку сарбанд, қафқозиёнро аз попохи сар, ханҷари дар камар овезонашон шиносанд, тоқию ҷома махсуси халқҳои тоҷику ӯзбек аст. Мардуми мо аз қадимулайём вобаста ба давру замон, фаслҳои сол ва синну сол либосҳои гуногун мепӯшиданду мепӯшанд. Албатта, либосҳои минтақаю вилоятҳо низ то андозае фарқият доранд. Табиист, ки аломат, фазилат, характер хусусиятҳои ба худ хоси ин ё он қавм ё шахс дар тарзи либоспӯшии онҳо зоҳир мегардад. Одамони рӯзгордида, калонсол ба либоспӯшии ҳар як инсон зеҳн монда, аллакай дар бораи хулқу атвори ӯ баҳо медиҳанд. Ҳарчанд ки либосҳои бухороиён бо пӯшоки минтақаҳои дигари гирду атроф умумияте доранд, байни онҳо вижагиҳо низ ба чашм мерасанд. Бо вуҷуди он ки дар Ӯзбекистону Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна аксар ҷомаю тоқӣ мепӯшанд, дар услуб, ранг, гул, матоъ, шакл ва намудҳои онҳо то андозае тафовут ба чашм мерасанд. Мо медонем, ки либосҳои анъанавии ҳудудҳоро, пеш аз ҳама, санъаткорон намоиш медиҳанд. Ба либосҳои зардӯзии онҳо нигариста, хурду калон медонанд, ки кадоми эшон бухороию кадомашон хоразмианд. Одатан дар ҳамаи ҳудудҳо либосҳо хонагӣ, корӣ, ҷойравӣ ва азоӣ (барои маросими таъзия) мешаванд. Албатта, дар идҳо тӯю маъракаҳо, сафарҳо либосҳои нав ё ки беҳтарини худро пӯшидани мардум анъанаи дерина аст. Мо хостем дар бораи баъзе либосҳои ҳудудамон маълумоти умумӣ диҳем.

Мардуми Бухоро аз қадим ба либосу тарзи либоспӯшӣ эътибори алоҳида медиҳанд. Шояд аз ин сабаб бошад,





матои асил ва пурқимати қадимии асилзодагон – занданеча, ки дар деҳаи Занданеи музофоти Вардонзеи бостонӣ истеҳсол мегардид, дар бозори чандин мавзеъ машҳур будааст. То ҳол дар Бухоро намуди либосҳои қадима мавҷуданд, ки танҳо дар ҷашнҳои миллӣ ё маъракаҳои маҳаллӣ истифода мешаванд, аз ҷумла, култапӯшак либоси сар барои занон буда, ҳоло дар маросими «саллабандон» ба арӯсоне, ки ба бахти модарӣ расидаанд, пӯшонида мешавад. Қисми тоқии он мудаввар буда, атрофаш бо зеҳҳои дастидӯз ороиш дода мешавад. Қафои култапӯшак ба остин шабеҳ буду аз даруни он мӯйҳои майдабофта гузаронида мешуд. Култапӯшакро, ки дар манбаъҳо ба шакли пурра — кулутапӯшак омадааст, аз матоъҳои шоҳӣ, алмос, адрас омода мекарданд.

Тахтабаргак, ки имрӯз низ дар бозорҳои Бухоро фурӯхта мешавад, як намуди ҷомолак буда, ба мӯйҳои майдабофии арӯсон пайваста мешуд. Ҳоло дар ҷашни Наврӯз духтаракон куртаҳои атлас пӯшида, мӯйҳоро майда бофта, ба он тахтабаргак медӯзанд. Баъзан ба ҷойи тахтабаргак аз ҷомолак низ истифода мебаранд.

Дар қадим бонувони бухороӣ куртаеро аз матои суф ё якранг ба бар мекарданд, ки нӯги остин, бари домон ва гиребони онҳо кашидадӯзӣ мешуд. Ин намуди курта ҳоло бо номи куртаи чакан дар Тоҷикистон, бештар дар Кӯлоб, Ғарм ниҳоят машҳур аст. Якчанд намудҳои курта, тоқӣ, сумкаҳои гулдӯзӣ, ки ба либоси чакан монандӣ доранд, дар Бухоро низ машҳуранд.

Дар Бухоро тоқӣ ва хилъати зардӯзӣ маъмул аст. Тоқиҳо бо ду намуд: зардӯзӣ ва заминдӯзӣ тайёр карда мешаванд. Чунин тоқӣ ва халатҳои зардӯзиро духтарон дар ҷашни Наврӯз, арӯсон бошанд, дар маросимҳои «келинсалом»-у «келинталбон» мепӯшанд.

**Роҳат ҚОДИРОВА,**
**муаллимаи нафақахӯр аз деҳаи Қӯрғони Вардонзеи ноҳияи Шофиркон.**

Дар нигористон

**Дар толори намоишгоҳи маркази Академияи бадеии Ӯзбекистон «Вернисажи баҳор» ном намоиши асарҳои 31 нафар занони рассом ташкил карда шуд. Дар он корҳои эҷодӣ дар самтҳои графика, рангтасвир, ҳайкалтарошӣ, зарфҳои чиннӣ, пластмасса ва ғайра ҷой гирифтаанд.**

Дар экспозитсия «Натюрморти Шарқ», «Ария», «Тӯмарис», «Акс», «Афсонаҳои боғи куҳан», «Гули бодом», «Ашки чашмони аҷдод», «Абрҳои баҳор», «Лолахасак», «Келинчак» барин асарҳои рассомонро, ки ба фасли баҳор бахшида шудаанд, дидан мумкин аст.

Дар эҷодиёти онҳо зебоӣ, сарсабзӣ, шукуфоӣ ва дигар эҳсосот, ки бештар ба занон хос аст, ифодаи худро ёфтааст.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

# ВЕРНИСАЖИ БАҲОР



# САЙРИ «ГУЛИ СУРХ»: НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

**Сайри гули сурх, сайри лола, иди лола яке аз бузургтарин иди мардумӣ мебошад, ки баъди ҷашни Наврӯз доир мегашт.**



Аз ин ҳазор сол муқаддам достонсарои беҳамто Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ иншо карда буд, ки баъди аз тарафи Афросиёб ноҷавонмардона кушта шудани Сиёвуш, дере нагузашта дар ҷое, ки хуни ӯ рехта буд, гиёҳи сурхе мерӯяд. Мардум ин гиёҳро ба хотираи подшоҳи ҷавонмарг «он хуни Сиёвуш аст" мегӯянд ва ҳар сол ҳангоми сабзидани ин гул бо мақсади пос доштани хотираи шоҳ бо номи «Сайри гули сурх» ҷашн мемороянд.

Дар ин бора Муҳаммади Наршахӣ низ дар «Таърихи Бухоро» ривоят кардааст, ки тибқи он сокинони Бухоро аз аҳди бостон то асри IX ҳангоми баргузории Наврӯз дар назди оромгоҳи Сиёвуш хурӯс кушта, ниёиш карда, таронаҳои сӯгворӣ мехонданд.

Умуман, дар фасли баҳор ҳангоми шукуфтани гулҳои гуногун, махсусан гули сурх —лола, аз рӯи биниш ва фаҳмиши мардум сайру гашт намудан, лола чидан ва баъзе маросим ва шодмониҳо созмон додан ба андешаи орифонае марбут мебошад, ки ба фано ва эҳёи табиат алоқаманд аст.

Ҷашни «Гули сурх», асосан, ҷанбаи маърифативу фарҳангӣ дошт. Шоиронy нависандагон, ромишгарон, донишмандон ва мударрисон бо ҳам омада, шеърҳои баҳория мехонданд. Дар ҷашни «Гули сурх» ва ба муносибати фарорасии Наврӯз мардуми Бухоро ва гирду атрофи он дар давоми як моҳ шодмонӣ мекарданд.

Дар Бухоро ҷашни «Гули сурх» то солҳои 30-юми асри XX идома ёфтааст. Бори охир соли 1929 дар деҳаи Чорбоғи Оим, ки аз шаҳраки харобаи Қӯрғони Вардонзе дар масофаи чор километр ҷойгир аст, ҷашн гирифта шудааст. Дар ин ҷо баъд аз зимистони тӯлонӣ аҳли ҳарами амир омада, чанд рӯз фароғат мекунанд ва ин ҷашн дар ҳузури онҳо баргузор мегардад. Дар замони шӯравӣ дарахтони ин боғро решакан карданд. Ҳатто номи деҳаро иваз намуда, "Сабзикор" гузоштанд.

Бояд гуфт, ки дар ин ҷашнвора занҳову мардон ҷудогона иштирок мекардаанд. Аз мардон касе ҳуқуқ надоштааст, ки базми бонувонро халалдор намояд. Агар чунин ҳолат рӯй диҳад, вайронкорро дар пеши назари мардум ҳатман ҷазо медоданд.

Дар нимаи дувуми рӯз духтарон гурӯҳ-гурӯҳ шуда, ба хонадонҳое мерафтаанд, ки арӯси нав доштанд. Бино ба нақли бибиҷонам Латофат ҳамон рӯз наварӯсон хонаҳои худро бо ашёе, ки маҳсули дасти худашон аст, оро медодаанд. Ҳар як арӯс мебоист меҳмонони нохондаро бо ғӯлингоб меҳмон кунад. Баъд яке тарона мехондааст, дигаре мерақсидааст, боз яке шеър қироат мекардааст.

Хулоса, шодиву хурсандиҳо то дер идома меёфтааст. Ҳунармандон ба Сайри гули сурх ҳамаҷониба омодагӣ медидаанд. Қаннодон ҳалвоҳои гуногун, нишаллою дигар шириниҳо мепухтаанд, дуредгарон бозичаҳои чӯбин месохтаанд, пазандагон таомҳои ҳархела – аз сихкабоб то балазанахӯду шӯрбои хосаи вардонзегиро, ки ҳоло низ дар Шофиркон машҳур аст, тайёр мекардаанд. Инчунин ба ду тақсим шуда, бузкашӣ, гӯштингирӣ, тарфандозӣ, бандкашӣ менамудаанд.

Ба андешаи муҳаққиқони мардумшинос ҷашни «Гули сурх» ё «Сайри лола» дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ гузаронида шуда, бо зиёрати мазорҳои бузургворон алоқаманд мебошад. Ҳамин гуна ҷашнро мардумшиносон дар байни тоҷикони Самарқанд, Бойсун низ мушоҳида кардаанд. Дар Бойсун мазори «Гули сурх» мавҷуд буда, авлоди хоҷаҳои гулисурхӣ зиндагӣ мекардаанд. Ҷашн дар рӯзи баробаршавии шабу рӯз сурат гирифта, сайругашти оммавӣ барпо мешудааст.

Ҷашни «Гули сурх» ҳоло бо тамоми шукӯҳу шаҳоматаш танҳо дар шаҳри Мазори Шарифи Афғонистон боқӣ мондааст, ки «Ҷандаболо» ном дорад. Дар он ҷо «Гули сурх»-ро дар арафаи Наврӯз ба хотири ёдбуду гиромидошти Ҳазрати Алӣ таҷлил мекунанд.

**Алимурод ТЕМИРОВ,**
**вилояти Бухоро.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 3710. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.